**Суратмаҷлиси № 52**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

аз “2” 04 соли 2024 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, № 306 тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

**Шунида шуд:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Қосимов О.Ҳ., аъзои комиссияи экспертӣ, д.и.ф., профессор Раҳматуллозода С.Р., ва д.и.ф., профессор Мухторов З.М. баромад намуданд. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. **Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:**

   - **Шафоатов Азал Нусратович** – доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии

Тоҷикистон ба номи Саидмумин Раҳимов.

- **Табаров Хайрулло Назарович** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 10.06.2024 сол соати 13:00 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор — Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент — Каримова Д.Н.